В процессе борьбы за советскую власть и борьбы с басмачеством на территории Северного Таджикистана, органы милиции претерпевали изменения и совершенствовались, становились более централизованными, улучшалось их материально-техническое снабжение. Процесс совершенствования органов милиции был обусловлен необходимостью решения задач охраны общественного порядка, который под силу только централизованным подразделениям милиции, имеющим государственное обеспечение и специализированный аппарат для борьбы с преступностью.

**В третем раздел**е рассматривается вопрос процесса формирования добровольных отрядов милиции, как органа охраны общественного порядка в Северном Таджикистане.

В данный исторический период на территории Северного Таджикистана находилось много вооруженных людей, объединенных в отряды или банды, имеющих пестрый калейдоскоп политических взглядов. В 1917 году, после упразднения царской полиции, в Северном Таджикистане милиции как государственной организации по охране правопорядка не существовало. Несмотря на формальное учреждение органов милиции, в этих органах отсутствовала штатная структура и фактически это были добровольческие формирования. Не было единой правовой базы, регламентирующей деятельность этих формирований. Жизнь показала, что эффективная охрана общественного порядка невозможна силами самостоятельных добровольческих отрядов. Поэтому в 1918 г. коллегия НКВД разработала ряд документов по созданию рабоче-крестьянской милиции, разработав четкую правовую регламентацию их деятельности. В октябре 1918 года милиция, как государственный орган, была создана на территории Северного Таджикистана.

Согласно приказа НКВД, милиция на местах подчинялась местным Советам, а в центре - Народному Комиссариату внутренних дел. Советы включали в себя отделы общего управления, имеющие в своей структуре подотдел милиции.

Создание эффективной правоохранительной системы было важной задачей советской власти в Туркестанской республике, и эту роль успешно выполнило создание советской рабоче-крестьянской милиции. Милиция была создана принятием Положения о советской милиции Туркестанской республики, утвержденным Туркестанским ЦИК 13 декабря 1918 года. На

основе этого документа было создано Главное Управление милиции Комиссариата внутренних дел Туркестана, которое руководило всеми видами милицейских подразделений на территории Туркестанской республики.

**Вторая глава диссертации «Развитие и укрепление органов милиции Северного Таджикистана (1924-1929 гг.)»** состоит из двух разделов. В первом разделе раасматривается Функционированые милиции в Ходжентском округе. Проведенный анализ работ Г.Х. Хайдарова, Т.Р. Каримова, Б.И. Искандарова, Х.Ш. Иноятова и архивных документов, позволил автору сделать вывод о том, что становление и функционирование милиции в Ходжентском округе сопровождалось сопротивлением господствующего класса, который не хотел терять свои позиции.

По инициативе Ходжентского городского Совета была создана Ходжентская уездно-городская милиция, под руководством которой действовали подразделения милиции в Ура-Тюбе, Гулькандозе, Нау, Шахристане. Для улучшения охраны порядка и защиты населения в Ходженте был создан конный отряд милиции.

Деятельность милиции в данный исторический период была направлена на борьбу с басмаческими бандами, защитой мирных жителей, охраной общественного порядка на территории Ходжентского уезда.

**Во втором разделе главы р**ассматривается деятельность милиции Северного Таджикистана по борьбе с преступностью. Можно отметить, что в период 1924-1929 гг. советская милиция являлась государственным органом охраны общественного порядка, базирующаяся на единых организационных основах. Для целей борьбы с басмачеством в 1926 г. в дополнение к регулярной милиции в Северном Таджикистане была создана иррегулярная милиция, которая была расформирована в 1927 г.

В период социалистического строительства в Таджикской АССР милиция боролась с басмаческими шайками и уголовной преступностью, занималась выявлением пособников басмачей среди населения и в органах государственной власти, патрулировала населенные пункты, охраняя безопасность мирных жителей.

На долю сотрудников милиции Северного Таджикистана, также как и всей Таджикской АССР, выпала борьба с бюрократизмом и взяточничеством, выявление и определение дальнейшей судьбы беспризорных детей, расследование уголовных преступлений, в том числе против порабощения женщин, против саботажа и экономических преступлений.

В организации милиции этого периода и системы воспитания кадров главным принципом являлась революционная законность. Лица, уволенные из милиции за различные нарушения, заносились в особый список, который рассылался во все милицейские подразделения. В правовых документах говорилось о необходимости связи работников милиции с населением, о

получении помощи и поддержки со стороны трудящихся, о подборе в ряды милиции честных и преданных представителей рабочих и крестьян.

Работники таджикской милиции опирались в своей деятельности на постановления, принятые местными органами власти. В 1929 г. милиция республики все более активно приобретала черты представителя государственной власти, так как милиции стали присущи функции осуществления надзора за выполнением правил службы в госучреждениях, за регистрацией и учетом религиозных сообществ, за выдачей разрешений на проведение съездов этих религиозных сообществ. Милиция осуществляла также административный надзор и проверку деятельности полиграфических предприятий, проверяла реализацию ротапринтов, линотипов и других печатных машин, шрифтов, множительной техники, холодного оружия. Милиция Таджикской ССР принимала участие в осуществлении решений правительства, разоблачала противников коллективизации.

Таким образом, с учетом изучения и анализа деятельности органов милиции Таджикской республики, и его северной части, их функционирование можно разделить на два этапа:

1. Период формирования и становления органов милиции на территории Северного Таджикистана охватывает период 1917-1923 гг. В этот период органы милиции действовали в обстановке напряженного политического противостояния и подавления сопротивления басмачества и других контрреволюционных элементов. Данный период отличается недостаточной правовой регламентацией деятельности органов добровольной и штатной милиции. Деятельность милиции в этот период направлена, в основном, на обеспечение карательной политики. В процессе установления советской власти и борьбы с басмачеством на территории Северного Таджикистана, органы милиции претерпевали изменения и совершенствовались. Подразделения милиции военизировались, становились более централизованными, улучшалось их материально-техническое снабжение. В условиях мирного строительства и восстановления хозяйства, представители советской милиции также принимали активное участие в проведении разъяснительной работы среди населения о задачах и политике Советской власти.

2. Период 1924-1929 гг., во время которого происходил процесс совершенствования деятельности органов милиции, характеризовался ослаблением карательной политики и репрессий в связи с окончательным установлением Советской власти на территории республики. В этот период деятельность органов милиции жестко регулировалась законодательством.
Для совершенствования органов правопорядка в городах и кишлаках Северного Таджикистана была проведена большая работа: милиционеры учились грамоте, обучались на курсах командного состава, изучали нормативно-правовые акты, методы дознания и расследования уголовных дел, учились ведению делопроизводства, ведению учета обмундирования и вооружения, статистики происшествий.

Небольшое количество басмаческих формирований, не ликвидированных на данный период времени, утратили идеологический аспект и превратились в уголовные банды. Данный период характеризуется позитивными изменениями в структуре органов милиции, стабилизацией ее деятельности, принятием нормативных актов, регламентирующих деятельность органов милиции. На данном историческом этапе милиция занималась обеспечением законности и социальной справедливости, борьбой с преступностью, обеспечением общественного порядка, борьбой с детской беспризорностью, со спекуляцией и саботажем.

Следовательно, в исторический период 1924-1929 гг. милиция Северного Таджикистана прочно заняла место в системе органов исполнительной власти государства. Статус милиции регулировался Конституцией СССР и рядом нормативно-правовых актов, которые давали право подразделениям милиции являться носителями государственно-властных полномочий по охране порядка.

В заключении подытожены результаты исследования и выводы автора диссертации.

## ОСНОВНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ ДИССЕРТАЦИИ ОТРАЖЕНЫ В СЛЕДУЮШИХ ПУБЛИКАЦИЯХ АВТОРА

### Статьи опубликованные в журналах, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан:

1. **Хокироев А.Ю.** Ходжент как центр национально-освободительного и рабочего движения / А.Ю. Хокироев// Учёные записки Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова (научный журнал) № 3(56). Серия гуманитарно-общественных наук. Худжанд, 2018. С. 15-22.

2. **Хокироев А.Ю.** Формирование добровольных отрядов милиции для охраны общественного порядка на территории Ходжентского уезда в период 1917-1918 гг. / А.Ю. Хокироев // Труды Академии МВД Республики Таджикистан (научный журнал). № 4(56). Серия гуманитарно-общественных наук. - Душанбе, 2018. - С. 15-22.

3. **Хокироев А.Ю.** Функционирование милиции Северного Таджикистана, как государственного органа Таджикской АССР в 1924-1929 гг. / А.Ю. Хокироев // Труды ТГУПБП. (научный журнал). Вып. № 1(78). Серия «гуманитарных наук». – Худжанд, 2019.- С. 15-27.

4.**Хокироев А.Ю.** Деятельность милиции Северного Таджикистана в Таджикской АССР / А.Ю. Хокироев // Муаррих. (научный журнал).№ 1. (17) – Душанбе, 2019. - С. 37-45.

**Статья по теме диссертации, опубликованные в научных журналах**

5. **Хокироев А.Ю.** Баъзе ҷиҳатҳои бавуҷудоӣ ва ташкилёбии таърихӣ-ҳуқуқии шӯъбаи кофтукови ҷиноятӣ дар Осиёи Миёна (1918-1924) / А.Ю. Хокироев // Труды Академии МВД Республики Таджикистан научный журнал ). № 1(21). Серия гуманитарно-общественных наук. - Душанбе, 2014.- С. 70-77 (на тадж. языке).

6. **Хокироев А.Ю.** Дирӯз ва имрӯзи милитсияи тоҷик дар мисоли вилояти Суғд / А.Ю. Хокироев // Маърифат». Маводи конференсияи илмӣ-назариявии профессорону омӯзгорон, бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавзӯи "25 соли таҳкими истиқлолияти кишвар, рушду нумӯи давлатдории миллӣ, дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон" -Хуҷанд: Меъроҷ, 2016. -С.203-209.

# Аннотатция

**на автореферат диссертации ХОКИРОЕВА А. Ю. «Формирование и развитие органов милиции в Северном Таджикистане (1917-1929) гг. » на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07. 00.02 –отечественная история**

В автореферате изложены актуальность темы исследования - важность научно-теоретических и экспериментально-исследовательских целей и задач, степень изученности, хронологические рамки, теоретические и методологические основы исследования, а также основное положение, выносимое на защиту. Основным его содержанием заключается в осмыслении накопленного исторического опыта, который интересен для использования в практической деятельности органов милиции Таджикистана.

В диссертации автор особое внимание уделяет изучению факты о полицейской службе в населенных пунктах Северного Таджикистана в конце XIX – начале XX века. На этой основе автор пришёл к выводу, что до присоединения к Российской империи по всей территории Таджикистана процесс охраны порядка осуществлялся одинаково. Охрану общественного порядка контролировал миршаб с подчиненными ему шабгардами (ночными охранниками) и раис с подчиненными ему муллозимами. Их полномочия включали охрану порядка в городах в ночное время, обеспечение порядка при сборе податей, выявление и арест преступников и нарушителей спокойствия.

Соискатель большое значение придает изучению роль органов милиции в борьбе за советскую власть в Северном Таджикистане (ныне Согдийской области). Рассматривается вопрос процесса формирования добровольных отрядов милиции, как органа охраны общественного порядка в Северном Таджикистане. В заключение диссертации подытожены результаты исследования и выводы автора диссертации.

**Ключевые слова:** Северный Таджикистан, НКВД, ревком, кодекс, приказ, уголовный розыск рабоче-крестьянская милиция, курбаши, басмачество, миршаб, эмир, кушбеги, волость, губернатор, ханство, Советская власть, восстания, Конституция, наркомат, преступление, наказание, статья, Ходжент, уезд.

# Аннотатсия

**ба автореферати Хокироев Азимҷон Юсупович «Ташаккул ва рушди милитсия дар Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1917-1929)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Дар автореферат муҳимияти илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавии мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, мавҷудияти сарчашмаҳо, давраҳо, назария ва усулҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии бадастомада зикр шудаанд. Дар он мундариҷаи асосиро дарки таҷрибаи таърихии ҷамъшуда, ки татбиқи он дар фаъолияти амалии мақомоти милитсияи Тоҷикистон.

Омӯзиши санадҳои хизмати мақомоти милитсия дар нуктаҳои аҳолинишини Тоҷикистони Шимолӣ дар охири асри XIX ибтидои асри XX меҳвари таҳқиқоти муаллифро ташкил мекунад. Дар ин замина муаллиф ба хулосае омадааст, ки то ҳамроҳшавӣ ба империяи Россия дар тамоми қаламрави Тоҷикистони имрӯза раванди назорати тартибот ба як минвол буд. Ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро миршаб бо шабгардони худ ва раис бо муллозимони зертобеъи худ назорат мекарданд. Ҳифзи тартибот дар шаҳрҳо, таъмини тартибот ҳангоми ҷамъоварии андозҳо, дастгир намудани ҷинояткорон ва вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ ба доираи ваколати онҳо дохил мешуд.

Унвонҷӯ ба масоили омӯзиши нақши мақомоти милитсия дар мубориза ҷиҳати барқарор намудани ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Суғди имрӯза) таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Масоили раванди ташаккулёбии отрядҳои ихтиёрии милитсия, ҳамчун мақомоти ҳифзкунандаи тартиботи ҷамъиятӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ баррасӣ гардидаанд. Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои хешро иброз доштааст.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистони Шимолӣ, НХКД, кумитаи инқилобӣ, кодекс, фармон, кофтукови ҷиноятӣ, милитсияи коргару деҳқон, қӯрбошӣ, босмачигарӣ, миршаб, амир, қушбегӣ, волост, губернатор, хонигарӣ, ҳокимияти шӯравӣ, шӯриш, конститутсия, нозироти халқӣ, ҷиноят, ҷазо, модда, Хуҷанд, уезд.

# Annotatation

**"Formation and development of police forces in Northern Tajikistan (1917-1929) " for a Ph.D. in history 07. 00.02 - domestic history**


The author's study outlines the relevance of the topic of the study - the importance of scientific, theoretical and experimental research goals and objectives, degree of study, chronological framework, theoretical and methodological basis of the study, as well as the basic protection position. Its main content is to understand the accumulated historical experience, which is interesting for use in the practical activities of the Tajik police.

In dissertation, the author focuses on the study of facts about police service in the settlements of Northern Tajikistan in the late 19th and early 20th centuries. On this basis, the author came to the conclusion that prior to joining the Russian Empire, the process of policing was the same. The protection of public order was controlled by mirshab with his subordinates Shabgards (night guards) and rais with the mullozim sorozims subordinate to him. Their powers included policing cities at night, ensuring order in collecting donations, identifying and arresting criminals and troublemakers.

The applicant attaches great importance to studying the role of the police in the struggle for Soviet power in Northern Tajikistan (now The Sogd region). The process of forming voluntary police as a public order body in Northern Tajikistan is being considered. The conclusion of the dissertation is summing up the results of the study and the conclusions of the author of the dissertation.



**Keywords:** Northern Tajikistan, NKVD, Revenant, Code, Order, Criminal Search of The Workers' Militia, Kurbashi, Basmamy, Mirshab, Emir, Kushbegi, Parish, Governor, Khanity, Soviet Power, Rebellion, Constitution, Narcomat, crime, punishment, article, Hodgent, county.

Подписано в печать «___»______ 2019 г.
Формат __х___ Бумага офсетная 70 г.
Объём ___п. л. Тираж _____ экз.
Заказ №___ ______Типография «________»
г. Душанбе, ул. ____________.

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ХОКИРОЕВ  АЗИМҶОН ЮСУПОВИЧ**

# Ташаккул ва рушди милитсия дар Тоҷикистони Шимолӣ солҳои (1917-1929)

ихтисос 07. 00.02 –Таърихи ватанӣ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**

**номзади илмҳои таърих**

**Душанбе ─2019**

Диссертатсия дар кафедраи таърихи ватании Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст

**Роҳбари илмӣ**: **Ҳомидзода Фурқат Муқим,**
доктори илмҳои таърих профессор, мудири кафедраи таърихи ватании Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ**: **Назаршоев Назаршо Моёншоевич,**
доктори илмҳои таърих, профессор
**Имомёрбеков Атобек**,
номзади илмҳои таърих, сардори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ташкилоти тақриздиҳанда: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ҳимояи диссертатсия 26 декабри соли 2019, соати 13.30 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, 221-37-42) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.taj – history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “—” ——— с. 2018 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ,доктори
илмҳои таърих Н.Ҷ.Хоҷаева

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Аҳамият ва мақсаднокии таҳқиқот** – Ташаккулёби ва рушди мақомоти милитсия дар шимоли Тоҷикистон бо воқеаҳои тоинқилобии сохтори давлатии амалкунанда дар минтақаҳои Туркистон то соли 1917 алоқамандии зич дошт. Раванди инкишофёбии фаъолияти милитсия дар ҳудуди шимоли Тоҷикистон таи он солҳо ба тараққиёти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давлатӣ шӯравӣ вобастагии калон дошт.

Дар сарчашмаҳои гуногун рафти барқароркунии ҳукумати шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ бо сабабҳои гуногуни якхела баҳогузори карда намешуд. Мақсад ва вазифаҳои ҳокимияти нав ба аҳолии аз ҷиҳати саводноки ақибмондаи вилоят нофаҳмо буда, мардуми таҳҷои бисёртар ба тарғиботу ташфиқоти намояндагони динии маҳалли бовари доштанд. Дар рафти барқароркунии ҳокимияти Советӣ хусусиятҳои динӣ ва маҳаллии аҳолии таҳҷоии Шимоли Тоҷикистон ба эътибор гирифта нашуда, бо тavри механики таҷрибаи барқароркунии ҳокимияти Советӣ дар маҳалҳои гуногуни Россия истифода карда шудааст.

Соли 1917 дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ қисми зиёди мардуми яроқнок ки ба қисмҳо ва гуруҳҳои хурд таксим шуда, бовариҳои гуногун ва ақидаҳои сиёсии худро доштанд ҷамъ шуда буданд. Баъд аз барҳам додани политсияи подшоҳи дар Тоҷикистони Шимолӣ, барои нигоҳ доштани тартибот зарурияти ташкил кардани ҳокимияти давлатӣ пайдо гардида буд. Дар ибтидо отрядҳои ихтиёрии милитсия пайдо гардиданд, ки дар шароити набудани базаи ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳоро ба танзим медароварd амал мекарданд.

Дар давраи солҳои 1917 то 1929 милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ роҳи дарозеро аз отрядҳои ихтиёрии милитсия сар карда то сохтори давлати тай намуд, ки фаъолияти он мувофиқи қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда шуда зери назорат қарор дошт.

Дар шароити Тоҷикистони муосир бисёр ҷанбаҳои таҷрибаи таърихие, ки дар раванди фаъолияти милитсияи коргару деҳқон андӯхта шудаанд, аҳамияти калони сиёсию ахлоқӣ доранд ва метавонанд барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди истифода қарор гиранд. Истифодаи таҷрибаи таърихии ташаккулёбӣ ва рушди милитсияи тоҷикро бидуни ба назар гирифтани тамғаҳои идеологӣ, ки ба давраи шӯравӣ хос буд, амалӣ гардонида, воқеаҳои он замонро беғаразона таҳлил кардан зарур аст.

Алҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон – давлати мустақил буда, дар он дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ амалӣ мегарданд, сохтмони ҷамъияти шаҳрвандӣ, таҳкими пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ сурат мегирад. Дар ин раванд нақши муҳимро мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот мебозанд, ки вазифаи онҳо мубориза бо равандҳои манфие мебошад, ки ба пешрафти ҷумҳурӣ халал мерасонанд.

Мубрамияти мавзӯи тадқиқоти мазкур ҳамчунин аз он бармеояд, ки таърихи милитсияи тоҷик, ки аз бисёр имтиҳонҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва

марҳилаҳои сохтмони ҳаёти осоишта сарбаландона гузаштааст, дар сарбозони худ чунин анъанаҳои ахлоқӣ, аз қабили мардонагию шуҷоат, садокат ба вазифаи хидматӣ, наҷобат ва фидокориро ташаккул додааст.

Анъанаҳои ахлоқии милитсияи тоҷик таҷрибаи нодири иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд, ки шоистаи тадқиқу паҳн кардан мебошанд. Роҳи пуршарафи ҷангӣ, ки милитсияи Тоҷикистон тай кардааст, барҳақ мояи ифтихори халқи тоҷик ба шумор рафта, ба тарбияи насли ҷавони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар рӯҳияи ватандӯстӣ мусоидат мекунад.

Ба назар гирифтан зарур аст, ки таърихи милитсияи тоҷик бо таърихи Тоҷикистон робитаи ногусастанӣ дорад, вале вижагии ҳамкориҳои мутақобилаи он бо як қатор ниҳодҳои (институтҳои) давлатию ҷамъиятӣ имкон медиҳад, ки мавзӯи баррасишаванда аз доираи масъалаҳои ҷузъи ихтисосӣ ва ҳуқуқӣ берун баромада васеътар баррасӣ гардад.

Таърихи ташаккулёбии милитсияи тоҷик ба таҳлили руйдодҳои иҷтимоӣ ва тағйир додани рушди ҷамъият дар шароити муосир мусоидат мекунад, зеро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон чун як қисми дастгоҳи ягонаи давлатӣ, ки тартиботи ҷамъиятӣ ва қонуниятро муҳофизат мекунад, ташаккул ёфтаанд.

Раванди таърихӣ ва масъалаҳои ҷамъиятию сиёсии марбут ба пайдоиш ва рушди мақомоти милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ аз соли 1917 то соли 1929 алҳол ба қадри бояду шояд мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст, ки ин нукта мубрамияти интихоби мавзӯи диссертатсияро муайян мекунад.

**Сатҳи тадқиқи илмии мавзӯи диссертатсия.** Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки як қатор муҳаққиқон ҳини тадқиқи таърихи халқи тоҷик ҳамчунин масъалаҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистонро низ баррасӣ кардаанд.

Дар ин самт асарҳои муаррихонеро аз қабили А.А.Семенов[1], Д.Н.Логофет[2], О.Б. Бокиев[3], Б.И. Зевелев[4], Ш. Абдуллоев[5], И.И. Крыльцов[6], З.Ш. Раджабов[7],-ро номбар кардан лозим аст, ки дар онҳо хусусиятҳои рушди соҳаҳои фарҳанг, ҳарбӣ ва саноати Шимоли Тоҷикистон тавсиф шудаанд, сабабҳои чун маркази ҳаракати озодихоҳии миллӣ ва коргарӣ ташаккул ёфтани Хуҷанд зикр гардидаанд.

[1] Семенов А.А. Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза, б/и, 1903– 69 с.
[2] Логофет Д.Н. Страна бесправия. Бухарское Ханство и его современное состояние.- СПб., 1909. – 239 с.
[3] Бокиев О.Б. Социально-экономическое положение Таджикистана в дореволюционной руской историографии.-Душанбе: «Ирфон», 1976.-145 с.
[4] Зевелев А.И. Историография Советского Туркестана (Историография и источники по истории гражданской войны в Туркестане). – Ташкент, 1968. – 185 с.
[5] Зевелев Б.И., Абдуллоев Ш. Дискуссия о характере национальных движений в Средней Азии и Казахстане в колониальный период//Вопросы истории.- 1951.-№9.- С. 173-178.
[6] Крыльцов, И. И. Государственное управление и суд в среднеазиатских ханствах накануне завоевания Туркестана царской Россией. //И.И. Крыльцов. Уч. зап. Свердловского юрид. ин-та. – Свердловск, 1947. – 365 с.
[7] Раджабов, З. Шуриши соли 1916 дар музофоти Хуҷанд / З.Раджабов. - Душанбе, 1955. - 26 с

Ҳамчунин дар рафти тадқиқ як қатор асарҳое, ки ба таърихи рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи баъзе ҷумҳуриҳои шӯравӣ бахшида шудаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар байни онҳо асарҳои олимон В.И. Полубинского[1], В.В. Портнова[2], Г.И. Петровского[3], В.П. Рябцева[4], Рябцева[4], Б.В. Волженкина[5] ва дигаронро қайд кардан лозим аст.

Як қатор олимон дар диссертатсияю рисолаҳояшон ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти мақомоти тартиботи ҳуқуқиро баррасӣ кардаанд. Ба асарҳои олимоне, аз қабили А.Ш. Розикзода[6], А.А. Каххаров[7], Н.Д. Назаров[8], А. Имомёрбеков[9], А.М. Гафуров[10]. диққати диққати махсус дода шуд.

Тадқиқоти В.М. Ионова «Коммунистони Тоҷикистони Шимолӣ дар мубориза баҳри ҳокимияти Шӯроҳо (солҳои 1917-1923)» давраи солҳои 1917-1923-ро дарбар мегирад ва дар он мушкилиҳои ташаккулёбии ҳокимияти шӯравӣ дар каламрави Тоҷикистони Шимолӣ, роҳи ҳаётии меҳнаткашони тоҷик, ки онҳоро ба ҳизби коммунистӣ, муборизаи коммунистон зидди истисмори халқ ва тартиботи кӯҳна бурда расонидааст, ташкили аввалин дастаҳои милитсияи халқӣ ва муборизаи онҳо бо босмачиён тавсиф шудааст.

Китоби М. Эркаев «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» ба баррасии пайдоиши ҳаракати босмачигарӣ дар қаламрави Тоҷикистон, ки вусъати калон пайдо кард ва мақсадаш мубориза зидди ҳокимияти шӯравӣ буд, бахшида шудааст. Олим фаъолияти бомуваффақияти дастаҳои милитсия ва милитсияи ғайримунтазамро дар торумори босмачиён зикр намуда, фактҳои мушаххас ва хусусиятҳои амалигардонии ин зиддиятро баррасӣ кардааст.

Дар кори Р.А. Абдулҳаев «Пойдор гардидани ҳокимияти шӯравӣ дар ноҳияҳои саргаҳи Зарафшон» амалиёти босмачиён ва саркардаҳои онҳо, ки дастгирии аҷнабиёнро истифода бурда, саргаҳи Зарафшонро ба бекигарии аз ҳукумати шӯравӣ мустақили Мастчоҳ табдил доданӣ буданд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Босмачиён тактикаи партизаниро истифода мебурданд: онҳо аз задухӯрд бо қисмҳои калони қӯшуни мунтазам канораҷӯӣ карда, ба дастаҳои камшумор ё маҳалҳои

---

[1] Полубинский В.И. Из истории советской милиции.- М.: Знание, 1987. – 64с.
[2] Портнов В.П. ВЧК (1917-1922 гг.) – М., Юридическая литература, 1987 – 208 с.
[3]Петровский Г. И. Избранные произведения. — М. : Политиздат, 1987. — 429 с.
[4] Рябцев В.П. Становление и развитие функции прокуратуры и ее организационной структуры. // Советская прокуратура. Очерки истории. Москва, 1993, - С.26-52.
[5]Волженкин, Б.В. Модельный Уголовный кодекс для государств - участников Содружества Независимых Государств: Предпосылки и основные задачи разработки Модельного Уголовного кодекса // Государство и право. - 1996. - № 3. - С. 67-76.
[6] Розикзода А. Ш. История формирования и деятельности милиции Таджикистана : диссертация ... доктора исторических наук.- Душанбе, 2002.- 341 с.
[7] Каххаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР (1924-1929гг.). – Автореф. дисс. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1999. – 24 с
[8] Назаров Н.Д. Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006 гг.). Автореф. дисс. … . докт. юр. наук. – М., 2007.–24 с.
[9] Имомёрбеков, Атобек**.** История формирования и развития органов милиции на Памире (1917-1945 гг.), Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан. — Душанбе, 2015. — 227 с.
[10] Гафуров А.М.О структуре ревкомов Восточной Бухары – Известия ООН АН Р.Тадж. – 1993, № 1, с.5-51.

аҳолинишин муҳофизатнашаванда ҳуҷуми ногаҳонӣ намуда, сипас тез ғайб мезаданд. Босмачиёни бекигарии Мастчоҳ ният доштанд ба доираи нуфузашон шаҳрҳои Панҷикент ва Ӯротеппаро ворид созанд, вале тири онҳо хок хӯрд. Дар нимаи соли 1923 Артиши сурх саргаҳи Зарафшонро ишғол кард[1].

Тадқиқоти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров «Таърихи халқи тоҷик: қарни XX» ба таърихи инкишофи Тоҷикистон дар давоми садаи бистум бахшида шудааст. Давраи муқаррар гардидани ҳокимияти шӯравиро дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ баррасӣ намуда, олим аҳамияти ташкили ҷузъу томҳои милитсияи халқиро, ки аз ҳисоби намояндагони аҳолии камбағал барои мубориза бо ҳаннотӣ, расонидани ёрӣ ба гуруснагон, муҳофизати маҳалҳои аҳолинишин дар ин замони ноором таъсис ёфта буданд, таъкид мекунад.

А.Ш. Розиқзода дар асари «Таърихи ташаккулёбӣ ва фаъолияти милитсияи Тоҷикистон» раванди таъсис, ташаккул ва таҳкими мақомоти милитсияро дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ, Помир, Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро тавсифу таҳлил кардааст. Ӯ дар кораш хусусиятҳои ташкили ҳифзи тартиботро дар Тоҷикистони қабл аз инқилобӣ баррасӣ намуда, вижагиҳои раванди ташкил ва рушди мақомоти милитсияро дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон тавсиф кардааст. Дар асари ӯ ба ташкил ва фаъолияти милитсия дар Бухорои Шарқӣ диққати махсус дода шудааст.

Муаллиф қаҳрамонии милитсионеронро дар мубориза бо босмачиён ва ғосибони аҷнабӣ дар давраи аввали ҳокимияти шӯравӣ (1917-1920) нишон додааст. Дар тадқиқоти мазкур ба омӯзиши таъсиси чунин ҷузъу томҳо (подразделенияҳо), ба мисли кофтукови ҷиноятӣ, дастаҳои ихтиёриён ва ғайримунтазами милитсия аҳамияти махсус дода шудааст.

Дар кори диссертатсионии А.А.Қаххоров «Низоми ҳифзи ҳуқуқи ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929)» масоили ташаккулёбӣ ва рушди чунин мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ, аз қабили мақомоти адлия, прокуратура, Комиссариати халқии корҳои дохилӣ дар қаламрави Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар тадқиқоти А.А. Қаххоров нақши мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ дар раванди ташкил ва рушди давлати ҳуқуқбунёд ва пайдоиши ҷамъияти шаҳрвандӣ баррасӣ шудааст.

Таҷрибаи кор дар сатҳи роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ ба А.А. Қаххоров имконият додааст, ки дар бобати рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои 1924-1926 ва ҷои онҳо дар таъмини қонунияти сотсиалистӣ як қатор хулосаҳои асоснок барорад.

Тадқиқоти диссертатсионии А. Имомёрбеков «Таърихи ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти милитсия дар Помир (солҳои 1917-1945)» ба омӯзиши рушди ин ҳудуди баландкӯҳ, хусусиятҳои таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар Помир дар оғози асри XX, шароити таърихии

[1] Абулхаев Р.А. Упрочение Советской власти в районах верховьев Зеравшана. – Душанбе: Дониш, 1972.

ташаккулёбии дастаҳои ихтиёрии милитсия дар раванди мубориза баҳри барқарор кардани ҳокимияти шӯравӣ, фаъолияти онҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Олим милитсияи тоҷикро чун унсури муҳимми дастгоҳи ягонаи давлатӣ, ки тартиботи ҷамъиятӣ ва қонуниятро муҳофизат мекунад, баррасӣ кардааст.

Тадқиқоти илмии Н.Д. Назаров «Асосҳои ташкилию ҳуқуқии ташаккулёбӣ ва рушди милитсияи Тоҷикистон (солҳои 1917-2006)» давраи калони вақтро дар бар мегирад. Дар он масъалаҳои зерин мавриди таҳлил қарор гирифтаанд: фаъолияти дастаҳои ихтиёрии милитсия, ки таҳти назорати шӯроҳои маҳаллӣ дар мубориза зидди босмачигарӣ ба ёрии милитсия ҷалб мешуданд, фаъолияти милитсия зидди ҷинояткорӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, ҷои мақомоти милитсия дар давраи сохтмони осоиштаи ҷумҳурӣ ва ғайра.

Дар асари Р.М. Масов «Таърихнигории Тоҷикистони Шӯравӣ (солҳои 1917-1925)» воқеаҳои таърихии марбут ба руҳдодҳои инқилобӣ дар Тоҷикистон баррасӣ гардида, ҳаёт ва фаъолияти бисёр ашхос, ки дар барқарор кардани ҳокимияти шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ (алҳол вилояти Суғд) нақши назаррас бозидаанд, тавсиф шудааст. Масалан, яке аз бунёдгарони ташкилоти комсомолии Тоҷикистон Ҷӯра Зокиров фаъолияти меҳнатиашро ба сифати чорякор дар Хуҷанд оғоз намуда, дар шӯриши соли 1916 дар шаҳри Хуҷанд ширкат варзидааст. Сипас дар қатори «мардикорон» ба Украина сафарбар гардидааст. Баъди бозгашт ба зодгоҳ Ҷ. Зокиров раҳбари мубориза корrapон ва бенавоёни шаҳри Хуҷанд зидди сиёсати хиёнаткоронаи Ҳукумати муваққатӣ гардида, солҳои 1918-1923 дар мубориза зидди баромадҳои эсерони чап дар Ӯротеппа ва Хуҷанд, дар торумори босмачигарӣ дар ноҳияи кӯҳистони Мастчоҳ ва водии Фарғона иштирок кардааст. Ғалабаи Ҳокимияти Шӯравиро Ҷӯра Зокиров мисли аксарияти меҳнаткашони Тоҷикистон чун саодате истиқбол кардааст, ки ба меҳнаткашон ояндаи дурахшон ваъда мекард.

Асарҳои олимон Р.С. Мулукаев[1], Б.Г. Гафуров[2], Б.И. Искандаров[3], А.В. Макашов[4], М.И. Иркаев[5], Р.Н. Хамракулов[6], Р.М Масов[7] ба масъалаҳои таърих, назария ва амалияи таъмини ҳуқуқии

---

[1] Мулукаев Р.С. Организационно-правовые основы становления Советской милиции (1917-1924гг.). - М.: Академия МВД СССР. 1975.-108 с.

[2] Гафуров Б.Г. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история. Издание второе, Душанбе, «Ирфон», 1989 - 379 с.

[3] Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России.- Душанбе: «Таджикгосиздат», 1960.- 231 с.

[4] Макашов А. Утверждение Советской власти в Центральном и Южном Таджикистане. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – 146 с.

[5] Иркаев М. История гражданской войны в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 696с

[6] Хамракулов, Р.Н. Вопросы теории и практики кодификации уголовного законодательства союзной республики / Р.Н. Хамракулов. – Душанбе : Изд-во Тадж. гос. ун-та, 1962. – 157 с.

[7] Масов Р.М. История исторической науки и историография социалистического строительства в Таджикистане. – Душанбе, – Дониш, 1988. – 318 с

фаъолияти милитсия дар Тоҷикистон ва ташаккули низоми ҳифзи ҳуқуқ бахшида шудаанд.

Сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ ва ёддоштӣ, ки дар онҳо масъалаҳои ташаккули мақомоти милитсия дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ инъикос ёфтаанд, дар корҳои М.М.Дьяконов[1], Т.В. Каширина[2], Ш. Исмаилова[3] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ ва публитсистӣ шаҳодат медиҳад, ки таърихи ташаккулёбию рушди мақомоти милитсия дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ба қадри кофӣ инъикос ёфтааст. Вале, ба назари мо, бисёр корҳои ба мавзӯи мавриди таҳқиқ бахшида шуда, бештар хусусияти иттилоотӣ дорад, масъалаҳои ташаккул ва рушди мақомоти милитсия дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ (алҳол вилояти Суғд) бошад дар асарҳои муаллифони мазкур ҳамаҷониба тадқиқ нашудааст.

Тадқиқоти диссертатсионии мо ба ҷамъбасти равандҳои ташкил, рушд ва такмили мақомоти милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ (алҳол вилояти Суғд) дар давраи таърихии аз соли 1917 то соли 1929 бахшида шудааст. Дар илми таърих масъалаҳои таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистони Шимолӣ муфассалан, ба кадри кофӣ баррасӣ нашудааст, раванди ташкил ва рушди ҷузъу томҳои милитсия, махсусан фаъолияти хидматии онҳо, бисёр ҷанбаҳои мубориза фидокоронаи кормандони милитсия баҳри мустаҳкам намудани ҳокимияти шӯравӣ дар ҳудуди мазкур ошкор карда нашудаанд.

**Объекти тадқиқ –** раванди таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ки милитсияи тоҷик дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи солҳои 1917-1929 амалӣ гардонидааст, ба шумор меравад.

**Предмети тадқиқ** – муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба туфайли ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти милитсия дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ба миён омадаанд ва вижагиҳои фаъолияти касбии онҳо, ки баробари тағйир ёфтани вазъи таърихӣ дигаргун мешуданд, ба ҳисоб мераванд.

**Навгонии илмии тадқиқи диссертатсионӣ.**Тадқиқоти мазкур аз рӯи чунин навгониҳо ва хуллосаҳои аслии муаллиф аз дигар тадқиқотҳо тафовут дорад.

-Таҳлили ҳаматарафаи вазъияти таърихи, ки барои ташкили милитсияи шуравӣ дар шимоли Тоҷикистон асос гузоштааст, инчунин таҳлили сохтори тартиботи ҷамъиятӣ дар ин ҳудуд то соли 1917 амал мекард.

---

[1]Дьяконов, М.М. У истоков древней культуры Таджикистана / М.М. Дьяконов. – Сталинабад : Таджикгосиздат, 1956. – 140 с.

[2] Каширина Т.В. Начало пути (о деятельности Революционного комитета Таджикской АССР 1924-1926 гг.) – Душанбе: Ирфон, 1987. – 220 с.

[3] Исмаилова Ш. Установление и укрепление Советской власти в Каротегине и Дарвазе. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 126.

-Дар кор манзараи маҷмӯии таърихию ҳуқуқии ташаккулёбӣ ва фаъолияти ҷузъу томҳои мунтазам ва ихтиёрии милитсия дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1917-1929 барқарор карда шудааст: Заминаҳои ташаккули кадрҳои милитсия ошкор карда шуда, масъалаҳо мушаххас гардидаанд, сохтору вазифаи фаъолияти он муайян карда шуда, таҳлили самтҳои асосии фаъолияти милитсия сурат гирифтааст, дараҷаи самарабахшии кори он муайян карда шудааст.

-Вазъияти нави иҷтимоию сиёсӣ ба рушди ташаббускории шаҳрвандон, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат мекард, дастаҳои ихтиёрии милитсия, ҷузъу томи ҷавонон таҳти номи «Ротаи коммунарҳо» ташкил карда шуданд, бори нахуст дар таърихи Тоҷикистон дар сафи милитсия занон ба фаъолият шурӯъ карданд омӯхта шудаанд.

-Дар тадқиқоти диссертатсионӣ даврабандии марҳилаҳои ташаккули мақомоти милитсия дар Тоҷикистони Шимолӣ (давраи якум: солҳои 1917-1923, давраи дувум: солҳои 1924-1929) ба субут расидааст.

-Таҳлили маводи бойгонӣ шаҳодат медиҳад, ки давраи ташаккулёбии милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ хусусиятҳои хоси фаъолияти хизматии онҳо барраси гардида, ҳолатҳои зиёди муборизаҳои қаҳрамононаи кормандони милитсия барои таҳкими ҳокимияти шуравӣ дар шимоли Тоҷикистон дар роҳи мубориза бо ҷинояткорӣ ва нигоҳ доштани тартиботи ҷамъияти, инчунин бо масъалаҳои бепарастории кӯдакон, ҳаннотӣ ва саботаж низ фаъолият мебурд.

**Мақсади кори диссертатсионӣ** – тадқиқи илмӣ ва баррасии раванди ташаккулёбӣ, рушд ва таҳкими милитсияи тоҷик дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ чун мақоми давлатӣ дар давраи солҳои 1917-1929 мебошад.

Тибқи мақсади тадқиқот ҳалли вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудааст:

- баррасии заминаҳои таърихии ташаккулёбии мақомоти милитсия дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ;
- баррасии нақши милитсия дар мубориза баҳри барқарор кардани ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ;
- тадқиқи раванди ташаккулёбии дастаҳои ихтиёрии милитсия барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар соли 1917-1923;
- баррасии фаъолияти милитсия дар округи Хуҷанд;
- омӯхтани фаъолияти милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар солҳои 1924-1929.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин барварда мешаванд**:

1. Баъди ба империяи Русия ҳамроҳ шудан дар маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистони Шимолӣ тадриҷан татбиқи низоми русиягии ҳифзу таъмини тартиботи ҷамъиятӣ оғоз ёфт. Низоми иҷрои ҷазо нисбатан башардӯстона гардид, ба маҳбусон ёрии тиббӣ расонида мешуд. Дар фаъолияти политсияи он замон шаклҳои нисбатан

пешқадами ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва мавҷудияти низоми ба қадри кофӣ самарабахши политсиягӣ ба назар мерасид.

2. Хусусиятҳои рушди таърихии Хуҷанд, Ӯротеппа ва дигар маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистони Шимолӣ ва махсусан хусусиятҳои барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ дар ин каламрав имконият медиҳад, ки марҳилаҳои зерини ташаккули милитсияро ҷудо кунем:

**Солҳои 1917-1923.** Дар ин давра мақомоти милитсия дар вазъияти зиддияти шадиди сиёсӣ ва саркӯб кардани муқобилати босмачигарӣ ва дигар унсурҳои аксулинқилобӣ фаъолият мекарданд. Ба марҳилаи мазкур танзими ғайрикофии ҳуқуқии фаъолияти мақомоти милитсияи ихтиёрӣ ва штатӣ хос аст. Мақомоти милитсия асосан вазифаҳои ҷазодиҳиро иҷро мекарданд.

**Солҳои 1924-1929**. Беҳтар шудани фаъолияти мақомоти милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ вобаста ба ғалабаи ниҳоии ҳокимияти шӯравӣ дар каламрави ҷумҳурӣ, дур шудан аз сиёсати ҷазодиҳӣ, ки дар шароити замони ҷанг ҷорӣ карда шуда буд. Дар ин давра фаъолияти мақомоти милитсия дар риоя кардани қонунгузорӣ зери назорати қатъи гирифта шуда буд.

3. Баъди тақсимоти миллию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсиси ҶМШС Тоҷикистон милитсияи тоҷик мақоми дастгоҳи давлатии ҷумҳурӣ гардид. Ба зиммаи милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд: мубориза бо босмачигарӣ, таъмини қонуният ва адолати иҷтимоӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ ва осоиштагии мардуми вилоят,  мубориза бар зидди бепарастории кӯдакон, ҳаннотӣ ва саботаж.

4. Баъди ташкили ҶШС Тоҷикистон соли 1929 милитсия нақши худро дар дастгоҳи давлатии ҷумҳурии иттифоқӣ нигоҳ дошт. Милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ дар низоми мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҶШС Тоҷикистон ҷои муҳими пойдорро ишғол кард. Мақоми милитсияро Конститутсияи ИҶШС ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мекарданд ва ба ҷузъу томҳои милитсия ҳуқуқи ҳомилони ваколатҳои давлатию ҳукуматӣ оид ба ҳифзи тартибот буданро медоданд.

**Асоси методологии** диссертатсияро чунин методҳои илмӣ, аз қабили таҳлили адабиёти илмӣ, синтез, ҷамъбаст, методҳои мантиқи шаклӣ ташкил мекунанд. Дар раванди кор ҳамчунин методи диалектикӣ, ки принсипи объективият, хронология ва робитаи мутақобилаи мантиқии ҳодисаҳои ба вуқӯъояндаро дарбар мегирад, мавриди истифода карор гирифт.

**Тавсифи сарчашмаҳо.** Дар таълифи диссертатсия асарҳои олимони тоҷику рус, муаррихони ҳарбӣ, ки ҳини тадқиқи низоми ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ дар давраи мавриди омӯзиш аҳамияти махсус доштанд, ба сифати сарчашма хизмат карданд.

Қисми назарраси сарчашмаҳои тадқиқоти диссертатсиониро маводи Бойгонии давлатии Федератсияи Русия, ҳамчунин маводе, ки дар

бойгониҳои мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфузанд, ташкил карданд.

Дар диссертатсия таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои бойгонӣ, ки раванди ташаккули милитсияро дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1917-1929 ва рушди онро дар давраи мазкур тавсиф мекунанд, ба субут расонида шудааст. Аксари сарчашмаҳои мазкур бори аввал ба муомилоти илмӣ дохил карда мешаванд.

Ба мақсади таҳлили муфассали ташаккули милитсия дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1917-1921 фондҳои зерин мавриди истифода қарор гирифтанд: БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон: Х12, П.3. Дастур дар бораи идоракунии кишвари Туркистон; Х.1.П.12 Ҷаласаи Шӯрои нозирони халқии ҶМШС Тоҷикистон; Х.9.Ҷ.44. Маърӯзаи сардори милитсияи уездию шаҳрии Хуҷанд ба анҷумани 11 уездии Шӯроҳо; Х.12 П.16. Қарори вилояти Панҷакент «Дар бораи тадбирҳо оид ба ҷорӣ намудани қонунияти инқилобӣ дар байни омма ва вазъи мақомоти судию тафтишотӣ»; Х.9. П.214. Маърӯза дар бораи кори милитсия дар уезди Хуҷанд.

Ҳамчунин маводи бойгонии бахши суғдии БМДТ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтанд: Х.106, рӯйхати 1, п.139. Ҳуҷҷати идораи уезди Хуҷанд дар бораи истифодаи об; Х.106, рӯйхати 1, к. 139. Гузориши пизишки шаҳри Хуҷанд ба пристави политсия; Х.109, рӯйхати 1.П.92 Фармони НХКД ҶМШС Тоҷикистон дар бораи ташкили ҚТМ; Х.2, рӯйхати 1, п.11. Ҳуҷҷати идораи уезди Хуҷанд дар бораи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ. Ҳуҷҷатҳои бахши Бойгонии давлатии вилояти Суғд дар ш. Истаравшан (минбаъд ББДВСИ) Х,Р-1, Рӯйхати 1, П.14, варақи 69; ББДВСИ, Х. Р-1, Руйхати 1, П.11, варақи 12; ББДВСИ Х. Р-1, Рӯйхати 1, П.52, варақи 24; ББДВСИ. Х.Р-1, Руйхати 1, П.14, вараqи 69.

Дар рафти тадқиқ маводи Бойгонии ҳизбии Маркази тадқиқоти стратегии КМПК Тоҷикистон Х. 5335, рӯйхати 1, п. 71, вараqи 34 суратҷаласаи кумитаи инқилобии вилояти Самарқанд аз 15 октябри соли 1923; Х. 5337, рӯйхати 1, п.34, вараqи 57. Суратҷаласаи кумитаи инқилобии вилояти Фарғона аз 5 маи соли 1923 истифода бурда шуданд.

Ба омӯзиши маводи Бойгонии давлатии вилояти Ленинобод (БДВЛ) диққати махсус дода шуд: Х.130, п.63, вараqи 25 суратҷаласаи кумитаи инқилобии уездию шаҳрии Хуҷанд аз 20.05. 19.23; х.370, рӯихати 1, п.23 а, вараqи 45 суратҷаласаи кумитаи инқилобии уездию шаҳрии Хуҷанд аз 14.02.1924; ҳамчунин маводи бойгонии ӯротеппагии БДВА (БУБДВЛ) Х.1. рӯйхати 1, п. 12, вараqҳои 1,5 суратҷаласаи кумитаи инқилобии ноҳияи Ӯротеппа аз 11.04.1924; Х.1, рӯйхати 1, п.20, вараqаи 8 суратҷаласаи кумитаи инқилобии ноҳияи Ӯротеппа аз 19.09.1923.

Дар рафти кори тадқиқотӣ ҳамчунин маводи бойгониҳои ВКД ҶШС Тоҷикистон, Раёсати кофтукови ҷиноятӣ, бойгонии РКД Тоҷикистони Шимолӣ (алҳол вилояти Суғд), ҳуҷҷатҳои меъёрии мақомоти мухталифи ҳокимияти давлатӣ мавриди истифода қарор

гирифтанд. Қисми зиёди ҳуҷҷатҳоро қарорҳо, фармоишҳо, амрҳо, стенограммаҳо, гузоришномаҳо, қайдҳо, ёддоштҳои иштирокдорони ҳамон рӯйдодҳои таърихӣ ташкил кардаанд. Ба тадқиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ИҶШС ва ҶМШС Тоҷикистон диққати махсус дода шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот** дар ҷамъбасти таҷрибаи таърихӣ, ки онро дар фаъолияти амалии мақомоти милитсияи Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст, ифода меёбад. Натиҷаҳои назариявии ба даст овардаи муаллифро дар раванди тайёрии донишҷӯёни ихтисосҳои гуногун, ҳангоми таҳияи тадқиқотҳои монографӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Хулосаҳои илмию назариявӣ**. Тадқиқи диссертатсионӣ саҳми муайян ба амиқ рафти донишҳои илмӣ дар бораи асосҳои ташкилию ҳуқуқии ташаккулёбӣ ва рушди милитсия дар ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ ба ҳисоб меравад.

Хулосаю муқаррароти тадқиқоти диссертатсионӣ ва маводе, ки бори нахуст ба муомилоти илмӣ ворид карда мешаванд, манзараи ҳақиқии ташкил ва рушди мақомоти милитсияро дар Тоҷикистони Шимолӣ ҷилвагар месозанд, ба фаҳмиши нисбатан чуқури таърихи давлати тоҷик дар солҳои 20-уми садаи гузашта мусоидат мекунанд. Хулосаҳои корро барои ҷамъбасти таҷрибаи таърихӣ, тарбияи ватандӯстонаи насли ҷавон, ҳамчунин ҳангоми тадриси таърих истифода бурдан мумкин аст.

Ба назар гирифтани таҷрибаи таърихии ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти милитсия дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1917-1929 ҳамчунин имкон медиҳад хатоҳои сершумори эҳтимолӣ дар фаъолияти милитсияи муосир, усулҳои кор ва такмили пойгоҳи ҳуқуқии он пешгирӣ карда шаванд.

Асоснокӣ ва мӯътамадии натиҷаҳои илмии ба дастомада бо интихобу татбиқи босалоҳияти методологияи илмии тадқиқот, мавҷудияти муносибати маҷмӯии муқоисавӣ ба омӯзиши як қатор сарчашмаҳои мустанад иртибот дорад. Дар раванди тадқиқ натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллифони шӯравӣ, тоҷик ва русиягӣ мавриди истифода қарор гирифтанд ва ба назар гирифта шуданд.

**Чаҳорчӯбаи хронологии** тадқиқ солҳои 1917-1929 – аз Инқилоби Октябри соли 1917 то таъсиси ҶШС Тоҷикистонро дар соли 1929 ба сифати субъекти баробарҳуқуқии ИҶШС дарбар мегирад. Вале дар раванди тадқиқ ба мо лозим омад, ки дар бораи хусусиятҳои таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ то соли 1917 ба таври алоҳида таваққуф намоем. Бинобар ин чаҳорчӯбаи замонии кор васеъ гардида, давраи охири қарни XIX – аввали садаи XX-ро низ дарбар мегирад.

**Чаҳорчӯбаи географии** тадқиқот ҳудуди Тоҷикистони Шимолиро дарбар мегирад, ки дар шимоли собиқ ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистони кунунӣ ҷойгир шудааст. Қайд кардан лозим аст, ки дар

охири садаи XIX-оғози асри XX як қисми ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ба тариқи зайл тақсим шуда буд: болооби дарёи Зарафшон, шаҳри Панҷакент, Уротеппа, Хуҷанд ба ҳайати аморати Бухоро дохил мешуданд. Қисмҳои дигари Тоҷикистони Шимолӣ – ноҳияи Ашт, шаҳрҳои Исфара, Конибодом дар ҳайати хонигарии Қӯқанд буданд.

**Тасвиби кор ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот** бо коркарди ҳамаи ҷанбаҳои асосии мавзӯи диссертатсия таъмин карда шудааст, ки натиҷаҳои он дар шаш мақолаи илмӣ, аз ҷумла чаҳор мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин дар маърӯзаҳо дар конференсияҳои анъанавии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016-2018) ироа гардидаанд.

Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (суратҷаласаи №3 аз 18.12.2018) ва шӯъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ (суратҷаласаи №3 аз 28 марти соли 2019) муҳокима шудааст.

Сохтори диссертатсия ба хубӣ мантиқи баёни маводро инъикос мекунад. Тадқиқот муқаддима, ду боб, панҷ фасл, хулоса, феҳристи сарчашмаҳоро дар бар мегирад.

## Мундариҷаи асосии диссертатсия

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ мудаллал карда шудааст, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии он инъикос ёфтааст, мақсаду вазифаҳои тадқиқ тасвия шудаанд, сарчашмаҳои асосии кор, предмету усулҳои тадқиқ, ҳамчунин муқарраროти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, зикр шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия – «Ташаккулёбии мақомоти милитсия дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ»** аз се фасл иборат аст.

Дар фасли аввал – «Заминаҳои таърихии ташаккулёбии мақомоти милитсия дар Тоҷикистони Шимолӣ» - маълумот дар бораи умури политсия дар маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистони Шимолӣ дар охири қарни XIX - аввали садаи XX баррасӣ шудааст. Зикр шудааст, ки то ҳамроҳ шудан ба империяи Русия дар тамоми қаламрави Тоҷикистон раванди ҳифзи тартибот як хел амалӣ мегардид. Ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро миршаб бо шабгардонаш ва раис бо мулозимонаш назорат мекарданд. Ба ваколати онҳо ҳифзи тартибот дар шаҳр дар давоми шаб, таъмини тартибот дар рафти ҷамъоварии боҷу хироҷ, ошкор сохтану ҳабс кардани ҷинояткорон ва вайронкунандагони осоиши ҷамъият дохил мешуданд.

Вале баъди дохил шудан ба ҳайати империяи Русия ва таъсиси кишвари Туркистон дар умури политсияи маҳалҳои аҳолинишини

Тоҷикистони Шимолӣ тағйироти назаррас ба амал омаданд. «Дастур дар бораи идоракунии кишвари Туркистон», ки 12 июни соли 1886 қабул шуда буд, ҳуҷҷати асосии меъёрии ҳуқуқии амалигардонии умури политсия шуд. Минбаъд Департаменти политсияи ВКД Русия як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии дигар қабул кард, ки умури политсия дар қаламрави Туркистон тибқи онҳо амалӣ гардонида мешуд.

Дар маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистони Шимолӣ, мисли дигар вилоятҳои Туркистон татбиқи низоми русиягии ҳифз ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ оғоз ёфт. Дар ҳар шаҳр маъмурони политсия амал мекарданд, ки теъдоди онҳоро вобаста аз вазъияти иҷтимоию сиёсӣ генерал-губернатор муайян менамуд. Маъмурони политсия як қатор вазифаҳоро ба ӯҳда доштанд: мубориза бо дуздӣ, занозанӣ, куштор, нашъамандӣ, хариду фурӯши аслиҳа, назорат ба фоҳишагӣ, назорат ба режими истифодаи об, назорат ба тартибот дар истгоҳҳо ва қад-қади роҳи оҳан.

Баъди ба империяи Русия ҳамроҳ шудан низоми иҷрои ҷазо нисбатан башардӯстона гардид, ба ҳабсшудагон расонидани ёрии тиббӣ оғоз ёфт. Умуман метавон гуфт, ки низоми политсияи он замон ӯҳдадориҳои ба зиммааш гузоштаро самарабахш иҷро мекард.

**Дар фасли дуюм** -нақши кормандони милитсия дар мубориза баҳри барпо кардани ҳокимияти шуравӣ дар шимоли Тоҷикистон дида баромада шудааст. Дар марҳилаи аввали ташкилёбии милитсия дар солҳои ҷанги шаҳрванд отрядҳои милитсияи ихтиёрӣ созмон дода шуд. Дар асоси таҳлили маводҳои бойгони ва корҳои илмию тадқиқотии Т.А.Ҷалилов, Б.И. Туманов, Я.С.Мотылева, Е.А.Лысенко, Р.А.Нарулин, муаллиф ба хуллоса омад,ки марҳилаи дуюм баъд аз қабули қарори НХКД дар бораи ташкили милитсия дар намуди сохтори штати,ки дар он интизоми қатъии ҳарбӣ ҷорӣ мегардад ва интихоби кадрҳояш аз рӯи муносибати синфи сурат мегирад, оғоз ёфт.

Марҳилаи дувум раванди такмили сохтори милитсия ва тасҳеҳи вазифаҳои онро дарбар мегирад. Солҳои минбаъда мақомоти милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ зидди унсурҳои аксулинқилобӣ ва ҷинояткорӣ бо муваффақият мубориза бурда, ҳифзи амнияти аҳолии вилоятро таъмин карданд. Ҳамаи ҷузъу томҳои милитсияи шӯравии Туркистон ва Тоҷикистони Шимолӣ, аз ҷумла бо ёрии Артиши Сурх, дар вазъияти набудани алоқа бо марказ, дар шароитҳои душвортарин зидди дастаҳои сершумори босмачиён мубориза бурда, ҳамлаҳои душманро зада гардонданд.

Таҳлили корҳои илмию тадқиқотии В.И. Полубинский,В.В. Портнов, Г.И. Петровский шаҳодат аз он медиҳанд,ки дар шароити барқарор кардани хоҷагии дар солҳои ҷанги гражданӣ харобшуда намояндагони милитсияи шӯравӣ дар тарғибу ташвиқи мақсаду вазифаҳои ҳокимияти шӯравӣ дар байни аҳолӣ фаъолона ширкат варзиданд. Мақомоти милитсияи шӯравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ

ҳам дар замони осоишта ва ҳам дар замони ҷанг ба тафтиши ҷиноятҳо ва пешгирии онҳо машғул буданд.

Дар раванди мубориза баҳри ҳокимияти шӯравӣ ва мубориза зидди босмачигарӣ дар ҳудуди Точикистони Шимолӣ мақомоти милитсия тағйир ва такмил меёфтанд. Ҷузъу томҳои милитсия ҳарбӣ кунонида мешуданд, таъминоти моддию техникии онҳо беҳтар мегардид. Такмили мақомоти милитсияро зарурати ҳалли вазифаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ тақозо мекард, ки аз ӯҳдаи иҷрои онҳо танҳо ҷузъу томҳои мутамаркизонидаи милитсия, ки аз таъминоти давлатию дастгоҳи махсуси мубориза бо ҷинояткорӣ бархурдор буд, баромада метавонистанд.

**Дар фасли сеюм** масъалаи раванди ташаккули дастаҳои ихтиёрии милитсия чун мақоми ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ баррасӣ шудааст. Дар ин давраи таърихӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ашхоси мусаллаҳ зиёд буданд, ки дар дастаҳои мухталиф муттаҳид гардида, аз ақоиди мухталиф ҷонибдорӣ мекарданд. Соли 1917, баъди бекор кардани политсияи подшоҳӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ милитсия чун ташкилоти давлатӣ оид ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ вуҷуд надошт. Ҳарчанд расман мақомоти милитсия ташкил шуда буданд, вале он сохтори штатӣ надошт. Амалан милитсия иттиҳодияи ихтиёрӣ буд. Таҷрибаи ҳаётӣ собит сохт, ки ҳифзи самарабахши тартиботи ҷамъиятӣ танҳо бо нерӯи дастаҳои ихтиёрии мустақил имконнопазир аст. Бинобар ин соли 1918 мушовараи НХКД як қатор ҳуҷҷатҳоро дар бобати таъсиси милитсияи коргарону деҳқонон таҳия намуда, танзими дақиқи ҳуқуқии фаъолияти онҳоро таъмин кард. Моҳи октябри соли 1918 дар тамоми қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ милитсия чун мақоми давлатӣ ташкил карда шуд.

Тибқи фармони НХКД, милитсия дар маҳалҳо тобеи Шӯроҳо, дар марказ бошад тобеи Нозироти халқии корҳои дохилӣ буд. Дар шӯроҳо шӯъбаҳои идоракунии умумӣ вучуд доштанд, ки ба сохтори онҳо зершӯъбаи милитсия дохил мешуд.

Ташкили низоми самарабахши ҳифзи ҳуқуқ вазифаи муҳимми ҳокимияти шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва ин нақшро таъсиси милитсияи коргарону деҳқонон бомуваффақият иҷро кард.

Милитсия тибқи Дастуриамал дар бораи милитсияи шӯравии Ҷумҳурии Туркистон, ки онро КИМ Туркистон 13 декабри соли 1918 тасдиқ кардааст, таъсис ёфт. Дар асоси ин ҳуҷҷат раёсати (саридораи) милитсияи Нозироти корҳои дохилии Туркистон таъсис ёфт, ки ба ҳамаи намудҳои ҷузъу томҳои милитсия дар каламрави Ҷумҳурии Туркистон роҳбарӣ мекард.

**Боби дуюми диссертатсия** – «Рушд ва таҳкими мақомоти милитсияи Шимолӣ Тоҷикистон (солҳои 1924-1929)» аз ду фасл иборат аст. **Дар**

**фасли аввал** масъалаҳои фаъолияти мақомоти милитсияи дар ҳавзаи (округи Хучанд) дар мубориза баҳри барпо намудани ҳокимияти шӯравӣ дар маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистони Шимолӣ баррасӣ шудааст.

Муаллиф таҳқиқотҳои илмии Г.Х Хайдаров, Т.Р.Каримов, Б.И. Искандаров Р.С. Гимпелеевич, Б.И. Туманов, Х.Ш. Иноятов ва маводҳои бойгоноро таҳлил намуда ба чунин хуллоса омад, ки ташкилёби ва фаъолияти милитсия дар ҳавзаи (округи) Хуҷанд ба муқобилияти синфи ҳукмрон равона карда шуда буд зеро, ки он (синфи ҳукмрон) намехост мавқеашро бой диҳад.

Бо ташаббуси шӯрои шаҳрии Хуҷанд уезди шаҳрии милитсия ташкил карда шуда дар зери роҳбарии он шуъбаҳои милитсия дар Уротеппа, Ғулакандоз Нов, ва Шаҳристон амал мекарданд. Баҳри беҳтар ногоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳимояи аҳолӣ дар Хуҷанд отряди савора ташкил карда шуд.

Фаъолияти милитсия дар ҳамин давраи таърихи баҳри мубориза бар зидди дастаҳои босмачигари, ҳимояи сокинони осоишта ва нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди ҳавзаи Хуҷанд ба роҳ монда шуда буд.

**Дар фасли дуюми боби дуюм** фаъолияти милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ дар мубориза зидди ҷинояткорӣ баррасӣ гардидааст.

Қайд кардан мумкин аст, ки дар давраи солҳои 1924-1929 милитсияи шӯравӣ мақоми давлатии ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ буд, ки ба асосҳои ягонаи ташкилӣ такя мекард. Ба мақсади мубориза бо босмачигарӣ соли 1926 бар замми милитсияи мунтазам дар Тоҷикистони Шимолӣ милитсияи ғайримунтазам ташкил карда шуд, ки он соли 1927 барҳам дода шуд.

Дар давраи сохтмони сотсиалистӣ дар ҶМШС Тоҷикистон милитсия бо дастаҳои босмачиён ва ҷинояткорон мубориза мебурд, шарикони онҳоро дар байни аҳолӣ ва мақомоти давлатӣ ошкор мекард дар маҳалҳои аҳолинишин посбонӣ карда, ҳаёти осоиштаи аҳолиро муҳофизат менамуд.

Ба зиммаи кормандони милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ мисли ҳамаи ҶМШС Тоҷикистон мубориза бо бюрократизм ва ришваситонӣ, ошкор сохтану муайян намудани тақдири минбаъдаи кӯдакони бепарастор, тафтиши парвандаҳои ҷиноӣ, аз ҷумла зидди асорати занон, саботаж ва ҷиноятҳои иқтисодӣ вогузор шуда буд.

Дар ташкили милитсияи ин давра ва низоми тарбияи кадрҳо принсипи асосӣ қонунияти инқилобӣ ба шумор мерафт. Ашхосе, ки ба сабаби вайронкуниҳои гуногун аз милитсия хориҷ шуда буданд, дар рӯйхати махсус сабти ном мешуданд ва ин рӯйхат ба ҳамаи ҷузъу томҳои милитсия ирсол мегардид. Дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии он давра сухан дар бораи зарурати алоқаи кормандони милитсия бо аҳолӣ, аз меҳнаткашон гирифтани ёрию дастгирӣ, дар бораи интихобу ҷалби

намояндагони бовиҷдон ва содиқи коргарону деҳқонон ба сафи милитсия меравад.

Дар фаъолияти худ кормандони милитсияи тоҷик ба қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият такя мекарданд. Соли 1929 милитсияи ҷумҳурӣ беш аз пеш фаъолонатар аломатҳои намояндаи ҳокимияти давлатиро касб мекард, зеро ба милитсия вазифаҳои амалигардонии назорат ба иҷрои қоидаҳои хизмат дар муассисаҳои давлатӣ, сабти ном ва баҳисобгирии ҷомеаҳои динӣ, додани иҷозатномаҳо ба ташкил кардани анҷуманҳои ҷомеаҳои динӣ вогузор шуда буд. Милитсия ҳамчунин назорати маъмурӣ ва тафтиши фаъолияти корхонаҳои полиграфиро амалӣ мегардонид, фурӯши ротапринт, линотип ва дигар мошинҳои чопӣ, ҳуруфи полиграфӣ, техникаи нусхабардор, аслиҳаи сардро тафтиш мекард. Милитсияи ҶШС Тоҷикистон дар татбиқи қарорҳои ҳукумат ширкат меварзид, мухолифони коллективониро фош мекард.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилу тадқиқи фаъолияти мақомоти милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи шимоли он фаъолияти мақомоти мазкурро ба ду давра ҷудо кардан мумкин аст:

1. Давраи ташаккули мақомоти милитсия дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ солҳои 1917-1923-ро фаро мегирад. Дар ин давра мақомоти милитсия дар вазъияти зиддияти шадиди сиёсӣ ва саркӯб кардани муқобилати босмачиён ва дигар унсурҳои аксулинқилобӣ амал мекарданд. Ба ин давра танзими нокофии ҳуқуқии фаъолияти мақомоти милитсияи ихтиёрӣ ва штатӣ хос аст. Дар ин давра фаъолияти милитсия асосан ба таъмини сиёсати ҷазодиҳӣ нигаронида шудааст. Дар раванди барқарор намудани ҳокимияти шӯравӣ ва мубориза бо босмачигарӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ мақомоти милитсия тағйир ва такмил меёфтанд. Ҳарбикунонии ҷузъу томҳои милитсия идома меёфт, онҳо бештар мутамаркиз мешуданд, таъминоти моддию техникиашон беҳтар мегардид. Дар шароити сохтмони осоишта ва барқарор кардани хоҷагӣ намояндагони милитсияи шӯравӣ ҳамчунин дар гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни аҳолӣ дар бораи вазифаю сиёсати ҳокимияти шӯравӣ низ фаъолона иштирок мекарданд.

2. Давраи солҳои 1924-1929, ки дар тӯли он раванди такмили фаъолияти мақомоти милитсия амалӣ мегардид, бо заиф шудани сиёсати ҷазодиҳӣ ва таъқибот дар иртибот бо пурра барқарор шудани ҳокимияти шӯравӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ тавсиф карда мешавад. Дар ин давра фаъолияти мақомоти милитсия қатъан аз ҷониби қонун танзим мегардид.

Дар шаҳру деҳоти Тоҷикистони Шимолӣ оид ба такмили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кори зиёд ба анҷом расонида шуд: милитсионерҳо савод мебароварданд, дар курсҳои ҳайати фармондеҳӣ таҳсил мекарданд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, усулҳои тафтиш ва таҳқиқи парвандаҳои ҷиноӣ, коргузорӣ, баҳисобгирии сарулибоси хизматӣ ва аслиҳа, ҳисоби омории рухдодҳоро меомӯхтанд.

Миқдори ками дастаҳои босмачиён, ки то ин замон торумор карда нашуда буданд, ҷанбаи идеологиашонро аз даст дода, ба дастаҳои роҳзанон табдил ёфтаанд. Ба ин давра тағйирёбии мусбати сохтори мақомоти милитсия, мустаҳкамшавии фаъолияти он, қабули санадҳои меъёрӣ, ки фаъолияти мақомоти милитсияро танзим мекунанд, хос аст. Дар ин давраи таърихаш милитсия бо таъмини қонуният ва адолати иҷтимоӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо бепарасторӣ, ҳаннотӣ, саботаж машғул буд.

Бинобар ин дар солҳои 1924-1929 милитсияи Тоҷикистони Шимолӣ дар низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ҷойи пойдори худро ёфтааст. Мақоми милитсияро Конститутсияи ИҶШС ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ки ба ҷузъу томҳои милитсия ҳуқуқи ҳомили ваколатҳои давлатию ҳокимиятӣ оид ба ҳифзи тартибот буданро додаанд, танзим мекунанд.

Дар хулоса натиҷаҳои тадқиқот ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия ҷамъбаст карда шудаанд.

**Нуктаҳои асосии диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**1.**Ходжент как центр национально-освободительного и рабочего движения. Учёные записки ХГУ им Б.Гафурова 3(56)стр. 15-22. Худжанд 2018

2.Формирование добровольных отрядов милиции для охраны общественного порядка на территории Ходжентского уезда в период 1917-1918гг. Труды Академии МВД Республики Таджикистан №4(40). Стр. 171-177. Душанбе. 2018.

**3.**Функционированые милиции Северного Таджикистана как государственного органа Таджикской АССР в 1924-1929гг. Вестник ТГУПБП №1 (78),стр15-26.Худжанд 2019.

**4.**Деятельность милиции Северного Таджикистана в Таджикской АССР. Муаррих №1( 17 ) стр. 37-45. Душанбе.2019

**Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

1.Некоторые историко-правовые аспекты становления и развития аппаратов уголовного розыска в период (1918-1924гг) Труды Академии МВД Республики Таджикистан №1(21). Стр. 171-177. Душанбе. 2014

2.Дирӯз ва имрӯзи милитсияи тоҷик дар амсоли вилояти Суғд.Материалы конференции «Маърифат». Маводи конференсияи илмӣ-назариявии профессорону омӯзгорон бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавзӯи “25 соли таҳкими Истиқлолияти кишвар, рушду нумӯи давлатдории

миллӣ, дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон:” Хуҷанд: Меъроҷ 2016. – С. 203-209.

.

# Аннотатция

**на автореферат диссертации ХОКИРОЕВА А. Ю. «Формирование и развитие органов милиции в Северном Таджикистане (1917-1929) гг. » на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07. 00.02 –отечественная история**


В автореферате изложены актуальность темы исследования - важность научно-теоретических и экспериментально-исследовательских целей и задач, степень изученности, хронологические рамки, теоретические и методологические основы исследования, а также основное положение, выносимое на защиту. Основным его содержанием заключается в осмыслении накопленного исторического опыта, который интересен для использования в практической деятельности органов милиции Таджикистана.

В диссертации автор особое внимание уделяет изучению факты о полицейской службе в населенных пунктах Северного Таджикистана в конце XIX – начале XX века. На этой основе автор пришёл к выводу, что до присоединения к Российской империи по всей территории Таджикистана процесс охраны порядка осуществлялся одинаково. Охрану общественного порядка контролировал миршаб с подчиненными ему шабгардами (ночными охранниками) и раис с подчиненными ему муллозимами. Их полномочия включали охрану порядка в городах в ночное время, обеспечение порядка при сборе податей, выявление и арест преступников и нарушителей спокойствия.

Соискатель большое значение придает изучению роль органов милиции в борьбе за советскую власть в Северном Таджикистане (ныне Согдийской области). Рассматривается вопрос процесса формирования добровольных отрядов милиции, как органа охраны общественного порядка в Северном Таджикистане. В заключение диссертации подытожены результаты исследования и выводы автора диссертации.


**Ключевые слова:** Северный Таджикистан, НКВД, ревком, кодекс, приказ, уголовный розыск рабоче-крестьянская милиция, курбаши, басмачество, миршаб, эмир, кушбеги, волость, губернатор, ханство, Советская власть, восстания, Конституция, наркомат, преступление, наказание, статья, Ходжент, уезд.

# Аннотатсия

**ба автореферати Хокироев Азимҷон Юсупович «Ташаккул ва рушди милитсия дар Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1917-1929)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**


Дар автореферат муҳимияти илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавии мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, мавҷудияти сарчашмаҳо, давраҳо, назария ва усулҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии бадастомада зикр шудаанд. Дар он мундариҷаи асосиро дарки таҷрибаи таърихии ҷамъшуда, ки татбиқи он дар фаъолияти амалии мақомоти милитсияи Тоҷикистон.

Омӯзиши санадҳои хизмати мақомоти милитсия дар нуқтаҳои аҳолинишини Тоҷикистони Шимолӣ дар охири асри XIX ибтидои асри XX меҳвари таҳқиқоти муаллифро ташкил мекунад. Дар ин замина муаллиф ба хулосае омадааст, ки то ҳамроҳшавӣ ба империяи Россия дар тамоми қаламрави Тоҷикистони имрӯза раванди назорати тартибот ба як минвол буд. Ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро миршаб бо шабгардони худ ва раис бо муллозимони зертобеъи худ назорат мекарданд. Ҳифзи тартибот дар шаҳрҳо, таъмини тартибот ҳангоми ҷамъоварии андозҳо, дастгир намудани ҷинояткорон ва вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ ба доираи ваколати онҳо дохил мешуд.

Унвонҷӯ ба масоили омӯзиши нақши мақомоти милитсия дар мубориза ҷиҳати барқарор намудани ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Суғди имрӯза) таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Масоили раванди ташаккулёбии отрядҳои ихтиёрии милитсия, ҳамчун мақомоти ҳифзкунандаи тартиботи ҷамъиятӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ баррасӣ гардидаанд. Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои хешро иброз доштааст.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистони Шимолӣ, НХКД, кумитаи инқилобӣ, кодекс, фармон, кофтукови ҷиноятӣ, милитсияи коргару деҳқон, қӯрбошӣ, босмачигарӣ, миршаб, амир, қушбегӣ, волост, губернатор, хонигарӣ, ҳокимияти шӯравӣ, шӯриш, конститутсия, нозироти халқӣ, ҷиноят, ҷазо, модда, Хуҷанд, уезд.

# Annotatation

**"Formation and development of police forces in Northern Tajikistan (1917-1929) " for a Ph.D. in history 07. 00.02 - domestic history**

The author's study outlines the relevance of the topic of the study - the importance of scientific, theoretical and experimental research goals and objectives, degree of study, chronological framework, theoretical and methodological basis of the study, as well as the basic protection position. Its main content is to understand the accumulated historical experience, which is interesting for use in the practical activities of the Tajik police.

In dissertation, the author focuses on the study of facts about police service in the settlements of Northern Tajikistan in the late 19th and early 20th centuries. On this basis, the author came to the conclusion that prior to joining the Russian Empire, the process of policing was the same. The protection of public order was controlled by mirshab with his subordinates Shabgards (night guards) and rais with the mullozim sorozims subordinate to him. Their powers included policing cities at night, ensuring order in collecting donations, identifying and arresting criminals and troublemakers.

The applicant attaches great importance to studying the role of the police in the struggle for Soviet power in Northern Tajikistan (now The Sogd region). The process of forming voluntary police as a public order body in Northern Tajikistan is being considered. The conclusion of the dissertation is summing up the results of the study and the conclusions of the author of the dissertation.

**Keywords:** Northern Tajikistan, NKVD, Revenant, Code, Order, Criminal Search of The Workers' Militia, Kurbashi, Basmamy, Mirshab, Emir, Kushbegi, Parish, Governor, Khanity, Soviet Power, Rebellion, Constitution, Narcomat, crime, punishment, article, Hodgent, county.

Ба чопаш имзо шуд «___»______ соли 2019
Андоза __х__ _/__. Коғази офсетӣ 70 г.
Ҳаҷм ___ с.ч. Теъдод ___нусха.
Фармоиши №___
Муассисаи нашриявии «________»
ш. Душанбе, к. ____________.